# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи "Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон; равандҳо ва омилҳои татбиқи он" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Пӯшида нест, ки яке аз ҳадафҳои калидии геостратегӣ, геоиқтисодӣ ва геополитикии абарқудратҳои арсаи байналмилалии замони муоссирро мубориза барои ба даст овардан, соҳибӣ кардан ва ё зери тасарруфи худ қарор додани захираҳои моддию табиӣ, махсусан иқтидорҳои сӯзишворию энергетикии кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта ё ақибмонда ташкил медиҳад.

Бештар аз ин, ба туфайли рушди бемайлони инқилоби илмию технологӣ коркард ва истифодаи самараноки манбаъҳои гуногуни энергетикӣ ба масъалаи ҳаётан муҳими ҳар як давлат табдил ёфтааст. Зеро ки неруи барқ муҳимтарин омилест, ки на фақат асоси ҳаёти иқтисоди ҳар як кишварро ташкил медиҳад, балки вазъи иҷтимоию маишӣ ва сиёсию фарҳангии онро муайян менамояд.

Ин нукта махсусан барои мамлакатҳое, ки захираҳои кофии сӯзишворю энергетикӣ надоранд ва ё коркард ва истифодаи онҳо хароҷоти зиёди молиявию технологиро талаб мекунанд, аҳамияти фавқулода пайдо намудааст. Тоҷикистон, ки иқтидори захираҳои умумии гидроэнергетикии он 527 млрд кВт соат дар як солро ташкил медиҳад ва бо сабабҳои дар боло ишорашуда дар як сол ҳамагӣ 20 млрд кВт соат неруи барқро истеҳсол ва истифода мекунад, ба қатори чунин кишварҳо ворид мешавад.

Дар ин асос метавон гуфт, ки тақдири ояндаи Тоҷикистон, махсусан ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва мавқеи геополитикии он дар арсаи байналмилалӣ аз бисёр ҷиҳат аз масъалаи ба талаботи замони муосир мувофиқ ва ҷавобгӯ намудани сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сиёсати дуруст ва муваффақи энергетикӣ имрӯз ба маҳаки таъмин намудани амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллию геополитикии давлат табдил ёфтааст. Ба замми ин гуфтаҳо, зикр намудан бамаврид аст, ки дар илми ватанӣ паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодӣ, молиявию техникӣ ва амниятии мавзуи мазкур дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Вале бо таври дастаҷамона аз диди сиёсӣ таҳқиқ намудани он ҳамоно масъалаи доғи рӯзи ҷомеаи тоҷик дар даврони истиқлолият боқӣ мемонад. Ҳамаи ин андешаҳо аз он далолат мекунад, ки мавзуи мазкур масъалаи доғи рӯзи ҷомеаи Тоҷикистонро дар бар мегирад ва ба қатори мавзуҳои камтаҳқиқшудаи илми ватанӣ мансуб аст.

Муаллифи диссертатсия тавассути истифода ва таҳлили шумораи зиёди манбаъҳои муътамад, асарҳои илмию таҳқиқотии олимони хориҷию ватанӣ дастгоҳи методологии асоснок ва методикаи мантиқан дурустро ҷиҳати ошкор сохтани накши сиёсати энергетикии давлат дар таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии кишвар таҳия намудааст. Истифода аз методҳои таърихӣ, диалектикӣ, системавӣ, сохторию вазифавӣ ва иҷтимоию сиёсӣ аз ҳамин далолат мекунад. Чунин нигоҳ аз як тараф, аз мураккабу гуногунпаҳлӯ будани мавзуи диссертатсионӣ, аз тарафи дигар, аз муносибати дурусти муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Бояд гуфт, ки довталаби дараҷам илмӣ на фақат ба накши сиёсати энергетикии давлат дар ҳаёти ҷомеаи тоҷик, балки мушкилот, монеаҳои сунъӣ ва пешомади татбиқи амалии он диққати хосса додааст. Бо ҳамин хотир таҳқиқи самтҳои асосии сиёсати энергетикии ҷумҳурӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, хусусиятҳои асосии ташаккул ва рушди сиёсати энергетикӣ дар ҷумҳурӣ, ошкор кардани мушкилот ва дастовардҳои сиёсати энергетикии давлат дар солҳои истиқлолияти сиёсӣ, асоснок кардани роҳҳои баромадан аз буҳрони энергетикӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи геополитикии Тоҷикистон дар бозори энергетикии ҷаҳонӣ, махсусан дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба сифати вазифаи асосии диссертатсия интихоб карда шудааст.

Чуноне ки аз мундариҷаи матни бобҳою зербобҳо ва қисмати хулосавии диссертатсия бармеояд, Р. Чилаев вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба хубӣ иҷро намудааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд.

– нуқтаи назар ва мавқеи олимони ватанию хориҷиро роҷеъ ба сиёсати энергетикӣ таҳлил намуда, андешаҳои худро нисбат ба мафҳумҳои “сиёсати энергетикӣ”, “амнияти энергетикӣ”, “буҳрони энергетикӣ”, “бехатарии энергетикӣ”, “типломатияи энергетики”, “дипломатияи газӣ”, “ҷангҳои ашёи хомӣ”, “дипломатияи қубурӣ, “сиёсати иҷтимоию иқтисоди минтақавӣ”, “захираҳои энергетикӣ”, “самаранокии энергетикӣ” “субъекту объекти сиёсати энергетикӣ” “ҳадафҳои сиёсати энергетикӣ ва ғайра асоснок намудааст, ки бешубҳа аҳамияти муайяни назариявию маърифатӣ доранд ва аз масъалаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро хуб донистани муаллиф далолат медиҳад.

– вазъи имрӯзаи захираҳои мавҷудаи энергетикии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ, сабабаҳои объективию субъективии баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба мушкилоти энергетикӣ мувоҷеъ шудани онҳо, боло гирифтани таваҷҷуҳи ширкатҳою абарқудратҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати дастрасӣ ёфтан ба сарватҳои табиии ин кишварҳоро таҳлил намуда, мушкилоти мавҷударо дар роҳи таъмин намудани истиқлолияти энергетикии онҳо таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки “дар ин ҷода ба баланд шудани сатҳи амнияти энергетикии Осиёи Марказӣ ва иштирокчиёни алоҳидаи он истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи аз ҷиҳати экалогӣ тоза, аз

ҷумла намудҳои ғайримуқаррарии онҳо, энергияи биомасса, офтоб, шамол ва геотерменалӣ метавонад мусоидат намояд". Ҳамзамон дуруст таъкид намудааст, ки дар сурати дастгирии шариконӣ хориҷӣ шароити мусоиди табиию ҷуғрофӣ ва захираҳои кофии об ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки дар таъмин намудани кишварҳои минтақа бо оби неруи обӣ ва амнияти миллии худ нақши калидӣ дошта бошад.

– бо мақсади минбаъд ҳам баланд бардоштани самаранокии сиёсати энергетикии давлат дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва бозори ҷаҳонӣ, расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ сабабҳои сар задани падидаҳои бухрониро дар солҳои охири заволи ИҶШС ва ибтидои солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, аҳамияти таърихии таҳияи самтҳои нави сиёсати дохилию хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати энергетикии ҷумҳурӣ, нақши бунёди неругоҳҳои азим ва хурд, сохтмони хатҳои интиқоли барқ дар минтақаҳои кишварро пайгирона таҳлил намуда, дар ин асос як қатор андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудааст. Тавсияҳои муаллиф дар бораи зарурати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, барқароркунӣ ва азнавсозии иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ ва шабакаҳои интиқоли барқ, тавсяи ҳамкориҳо бо донорҳою ташкилотҳои байналмилалӣ ва бахши хусусӣ, ташкили платформаи шаффофи тендерӣ барои лоиҳаҳои энергияи сабз, таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ, роҳҳои таҷдиди сиёсати нархгузорӣ ва ҷорӣ кардани инфрасохтори рақамӣ барои ҳисоббарорбаркунии дақиқи истеъмоли неруи барқ ва ғайра, бешубҳа, қиммати назариявию амалӣ доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулосаю тавсияҳо, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф иборат аст. Сохтори диссертатсия ва маводи он мувофиқи мантиқи умумии таҳқиқот оварда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳое, ки барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, аз огаҳии муаллиф аз мавзуъ ва камолоту мустаҳқилияти вай гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсия, бешубҳа, таҳқиқоти баанҷомрасидаи илмӣ мебошад ва дар сатҳи хуби идеявию назариявӣ навишта шудааст. Далели тасдиқи ин фикр муваффақ шудани муаллиф ба он ҳадафҳо ва вазифаҳое мебошад, ки дар кори диссертатсионӣ ба миён гузошта шудаанд. Андешаю хулосаҳои довталаб бо сарчашмаҳои муътамади таҳқиқотӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст. Инчунин, автореферати кори диссертатсионӣ таҷассумгари кори диссертатсионӣ буда тибқи талаботҳои мавҷуда таҳия карда шудааст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Чилаев Р.С. дар мавзуи "Сиёсати энергетикии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияии олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ва бандҳои 31-33 "Тартиб додани дараҷаи илмӣ ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
фалсафа, профессори кафедраи
муносибатҳои байналмилалӣ ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷононов С.
20. 10. 2025

Имзои Ҷононов С. профессори кафедраи
муносибатҳои байналмилалӣ ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи байнал-
милалии сайёҳӣ ва саҳибкории
Тоҷикистонро тасдиқ мекунад.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Ш.Н.Ҷураев